# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич дар мавзуи «Сенарияҳои гидроэнергетикии оптимизатсияи тавозуни захираҳои энергетикӣ ва моделсозии фаъолияти иншооти гидротехникии ҳавзаи дарёи Вахш», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D074400 - Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 - Сохтмони гидротехникӣ) пешниҳод гардидааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар марҳалаи муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои таъмини амнияти энергетикӣ, истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ ва баланд бардоштани устувории иншооти гидротехникӣ аҳаммияти махсус касб намудаанд. Афзоиши талабот ба неруи барқ, тағйирёбии иқлим, ноустувории мавсимии обовард ва ҷамъшавии таҳшинҳо дар обанборҳо зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои илмии идоракунии ҳамгироёнаи низоми энергетикиро ба миён меорад. Аз ин лиҳоз, мавзуи интихобнамудаи Раҳмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич саривақтӣ буда, ҳам аҳаммияти илмӣ ва ҳам арзиши муҳими амалӣ дорад.

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди энергетика, истифодаи оқилонаи захираҳои об, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва таъмини фаъолияти боэътимоди неругоҳҳои барқи обӣ иртиботи бевосита дорад. Таҳқиқот дар доираи мавзуъҳои илмии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардида, бо ҳадафҳои стратегии кишвар дар соҳаи рушди устувор, энергетика ва идоракунии захираҳои об мувофиқат менамояд.

Мақсади таҳқиқот аз таҳия ва асоснок намудани усулҳои илмии ҳамгироӣ барои баланд бардоштани самаранокӣ ва устувории низоми энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси арзёбии маҷмуии захираҳои обию энергетикӣ, таҳлили таъсири тағйирёбии иқлим, ҳамгироии манбаъҳои гуногуни энергия ва истифодаи моделсозии математикӣ иборат аст. Барои расидан ба ин мақсад муаллиф вазифаҳои ба ҳам алоқамандро оид ба таҳлили вазъи комплекси энергетикӣ, оптимизатсияи кори НБО-ҳо, арзёбии нақши гидроэнергетика, ангишт ва манбаъҳои барқароршаванда, моделсозии реҷаи обанборҳои Роғун ва Норак, инчунин омӯзиши эрозия ва таҳшиншавӣ ҳал намудааст.

Дар кори диссертатсионӣ таҳлили муқоисавии захираҳои асосии энергетикии кишвар дар заминаи ягонаи эквиваленти энергетикии солона анҷом дода шуда, сенарияи гидро-ангиштии рушди низоми энергетикӣ пешниҳод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардидааст. Бо истифода аз моделҳои оптимизатсионӣ-тақлидӣ реҷаҳои фаъолияти низоми энергетикӣ ва

самаранокии кори НБО-и Роғун арзёбӣ шудаанд. Муаллиф ҳамчунин имконияти ҳамгироии неругоҳҳои барқи обӣ бо манбаъҳои офтобӣ ва бодӣ, системаҳои интеллектуалии идоракунӣ ва манбаъҳои захиравии энергияро баррасӣ намудааст.

Қисми муҳими таҳқиқот ба арзёбии самаранокии энергетикии дарёҳои калони Тоҷикистон ва муайян намудани қитъаҳои афзалиятнок барои сохтмони неругоҳҳои нав бахшида шудааст. Истифодаи моделҳои SRM ва MUSLE, технологияҳои геоиттилоотӣ ва сенарияҳои CMIP5 ва CMIP6 имкон додааст, ки таъсири тағйирёбии иқлим, эрозияи хок ва таҳшиншавӣ ба захираҳои обӣ ва устувории низоми гидроэнергетикӣ баҳогузорӣ карда шавад. Модели консептуалӣ-математикии ҳамгироёнаи низоми гидроэнергетикии ҳавзаи дарёи Вахш аз натиҷаҳои назарраси кор ба ҳисоб меравад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳлили системавии захираҳои энергетикӣ, таҳияи сенарияи рушди гидро-ангиштӣ, асоснок намудани ҳамгироии манбаъҳои гуногуни энергия, арзёбии фазоии эрозия ва таҳшиншавӣ ва моделсозии таъсири иқлим ба фаъолияти иншооти гидротехникӣ ифода меёбад. Таҳияи дастгоҳи хунуккунии панелҳои офтобӣ бо истифода аз қубури сӯрохдор ва насоси фишори паст низ ҷанбаи амалии таҳқиқотро тақвият медиҳад.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳо аз имконияти истифодаи онҳо ҳангоми банақшагирии рушди комплекси обию энергетикӣ, интихоби реҷаи самараноки кори обанборҳо, арзёбии хатари таҳшиншавӣ, муайян кардани қитъаҳои ояндадори гидроэнергетикӣ ва таҳияи чораҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим иборат мебошад. Пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар фаъолияти мақомоти соҳавӣ, ташкилотҳои лоиҳакашӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва корхонаҳои энергетикӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса, 12 замима ва рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 165 номгӯй иборат аст. Ҳаҷми умумии кор 190 саҳифа буда, 142 саҳифаи онро матни асосӣ ташкил медиҳад; дар кор 43 расм ва 35 ҷадвал ҷой дода шудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 22 таълифоти илмӣ, аз ҷумла 12 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, 1 патенти хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ NJ1682) ва 9 мақола дар маводи конференсияҳои илмӣ нашр гардидаанд. Ин нишондиҳандаҳо аз тасвиби кофии натиҷаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳанд.

**Дар баробари натиҷаҳои мусбат, дар автореферат баъзе нуктаҳои ҷузъии баҳсталаб ба назар мерасанд:**

**1.** Дар саҳифаи 5 автореферат баъд аз мавзуи калимаи (предмет) ворид карда шавад. Чунки тибқи низомномаи Комиссияи олии атестатсионии

нази Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавзуи (предмет) таҳқиқот оварда шудааст.

**2.** Дар саҳифаи 9 автореферат дар номи расми 3, матн ва дар номи ҷалдвали 1 калимаи Ҷумҳурии ворид карда шавад.

**3.** Дар саҳифаи 12 автореферат дар навиштаҷоти графики расми 8 аз тарафи рост «м3» ба «$м^3$» иваз карда шавад.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

**Хулоса.** Автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро ба таври кофӣ инъикос менамояд. Диссертатсияи Раҳмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич дар мавзуи «Сенарияҳои гидроэнергетикии оптимизатсияи тавозуни захираҳои энергетикӣ ва моделсозии фаъолияти иншооти гидротехникии ҳавзаи дарёи Вахш» кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, ба талаботи муқарраргардида барои диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD) ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D074400 - Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 - Сохтмони гидротехникӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои техникӣ,
ходими калони илмии Институти
геология, сохтмони ба заминҷумби
тобовар ва сейсмологияи Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон **Рахманов А.А.**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Шоҳмансур , кӯчаи М. Мастонгулов 38/1 ҳ.18
Телефон: (+992) 918-35-52-25, E-mail.: azim55@mail.ru

Имзои доктори илмҳои техникӣ, ходими калони илмии Институти геология, сохтмони ба заминҷумби тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Рахманов А.А**.-ро тасдиқ менамоям:

ИНСТИТУТИ ГЕОЛОГИЯ, СОХТМОНИ БА ЗАМИНҶУНБИ ТОБОВАР ВА СЕЙСМОЛОГИЯИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

Нозири кадрҳо,
н.и.г-.м Караматуллои Юсуф

**Суроғаи муассиса:**
734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Шоҳмансур , кӯчаи Айни бинои 267.
Тел. (37) 225-77-65, E-mail.: igees_asrt@ mail.ru

"31" 08 соли 2026